# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсияи Каримзода Марворид Олим ба омӯзиши хусусиятҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикси «Буккача» дар шароити иқлими гарми водии Ҳисор бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқот мубрам буда, барои беҳтар намудани ғизодиҳӣ, афзоиш ва рушди гӯсолаҳо аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиши таъсири гили бентонит ва премикси «Буккача» ба нишондиҳандаҳои физиологӣ, биохимиявӣ, гематологӣ, мубодилаи моддаҳо, афзоиш ва рушди гӯсолаҳо мебошад. Барои расидан ба ин мақсад муаллиф ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ, мубодилаи нитроген, аминокислотаҳо, калсий, фосфор, сулфур, нишондиҳандаҳои хун, мубодилаи обу намак, истифодаи энергия ва динамикаи вазни зиндаро омӯхтааст.

Таҳқиқот дар хоҷагии зотпарварии ба номи А. Юсупов дар водии Ҳисор гузаронида шуда, 30 сар гӯсола ба се гурӯҳ ҷудо карда шудааст. Истифодаи усулҳои физиологӣ, биохимиявӣ, зоотехникӣ ва оморӣ имкон додааст, ки натиҷаҳои бадастомада боэътимод арзёбӣ карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки истифодаи гили бентонит ва премикси «Буккача» ба беҳтар гардидани ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ, мубодилаи моддаҳо, нишондиҳандаҳои хун ва афзоиши гӯсолаҳо мусоидат мекунад. Дар синни 6-моҳагӣ вазни зиндаи гӯсолаҳои гурӯҳи дуюм 142,1 кг-ро ташкил дода, нисбат ба гурӯҳи якум 8,7 кг ва нисбат ба гурӯҳи назоратӣ 10,0 кг зиёд буд. Истифодаи бентонит инчунин ба паст шудани хароҷоти хӯрок барои 1 кг афзоиши вазн мусоидат кардааст.

Аҳамияти илмии кор дар муайян намудани таъсири маҷмӯии бентонит ва премикси дорои бентонити маҳаллӣ ба равандҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар шароити иқлими гарм ифода мeёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар хоҷагиҳои чорводорӣ, муассисаҳои илмӣ ва раванди таълими фанҳои «Биохимия», «Хӯронидани чорвои кишоварзӣ» ва «Физиологияи чорво» истифода шаванд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби Каримзода М.О. дар як қатор конференсияҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ пешниҳод шудаанд. Ин натиҷаҳои таҳқиқот 20 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия нашр кардааст.

Дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, аз ҷумла такроршавии баъзе маълумот ва зарурати дақиқтар намудани баёни баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ ба назар мерасанд. Аммо ин камбудиҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса. Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дорои навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд. Диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология** мебошад.

Доктори фалсафа (Phd) аз рӯйи ихтисоси
6D060700 Биология кафедраи фанҳои
табиӣ – риёзӣ Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Ҳафизов Д.Ш.
**Суроға:** ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 44, ҳ-107
Тел:918 81 82 98, E-mail: davlatyor_2015@mail.ru

Имзои Д. Ш. Ҳафизов-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова М.Ғ.
**Суроға:** ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
Тел: 237 25 82, E-mail: sijoatova@mail.ru

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

11.09.2026